**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод дар мавзӯи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднoки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Шартномаҳо дар ҳуқуқи маданӣ яке аз масъалаҳои ниҳоят, баҳснок, печида ва дар айни замон мубрам ва ҷолиби таваҷҷуҳ мебошанд. Чунки аксаран ба муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ бидуни бастани шартномаҳо ворид гардидан, ки бо мақсади қонеъ намудани талаботи худ ва дигарон равона гардидаанд, ғайриимкон аст. Таҳқиқоти диссертатсионии Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод, ки дар мавзӯи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднoки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» анҷом дода шудааст, ба таҳқиқ ва омӯзиши яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи мадании кишварамон равона шудааст. Чунонки аз муқаррароти автореферати диссертатсия бармеояд, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур нахустин таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои хизматрасонии музднoки байторӣ пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатии кишварамон ба шумор меравад.

Маълум аст, ки дар аксари ҳолатҳо таъмини амнияти озуқаврии мамлакат, ки имрӯз ба сифати яке аз ҳадафҳои стратегӣ интихоб гардидааст, аз рушд ва инкишофи устувори соҳаи кишоварзӣ, хусусан бахшҳои он чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ, занбӯриасалпарварӣ ва ғайраҳо вобастагии зич ва ногусастанӣ дорад. Рушд ва инкишофи ин бахшҳои номбурдаи соҳаи кишоварзӣ, ки аҳолиро ба ҷои кор ва маҳсулоти ғизоӣ, соҳаи саноатро ба ашёи хоми ватанӣ таъмин менамояд, дар маҷмуъ ба баланд гардидани иқтидори иқтисодии мамлакат низ таъсири ниҳоят бузург доранд.

Дар автореферати диссертатсия мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети мавзӯи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраҳои таҳқиқот, оварда шуда, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, инчунин заминаҳои эмпирикии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда,

тавсиф гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ изҳори назар карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ довталаби дараҷаи илмӣ дар 24 асари илмӣ ва таълимӣ инъикос гардидааст, ки аз ин шумора 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ мебошад.

Боби 1-уми диссертатсия – «Моҳияти ҳуқуқии хизматрасонии музднoки байторӣ дар танзими ҳуқуқи маданӣ», ном дошта, он аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якуми боби якум – «Мафҳум ва аломатҳои хизматрасонии музднoки байторӣ ҳамчун объекти танзими ҳуқуқи маданӣ» таҳлил гардида, дар он пеш аз ҳама, мафҳумҳои муҳимми хизматрасонии музднoки байторӣ аз ҷумла «байторӣ», «соҳаи байторӣ», «фаъолияти байторӣ», «фаъолияти хусусии байторӣ», «фаъолияти соҳибкории байторӣ» дар заминаи ақидаҳои олимон ва мутахассисони ватанию хориҷӣ, инчунин қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шудааст. Коркард ва пешниҳоди мафҳумҳои номбаршуда дар ғанӣ гардидани доншҳо илмӣ ва мукаммал намудани қонунгузории хизматрасони муздноки байторӣ, ки онҳо маротибаи нахустин дар сатҳи диссертатсия таҳқиқ гардидаанд, саривақтӣ мебошанд.

Дар зербоби дуюми боби якум – «Асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ дар ҶТ» бошад, сарчашмаҳои муҳимми танзими ин намуди хизматрасонӣ таҳлил гардида, мушкилоти он ошкор гардида, пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории хзматрасонии музднoки байторӣ баён карда шудаанд. Муаллиф барҳақ қайд менамояд, ки асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ – низоми ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи хизматрасонии байторӣ буда, аз қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат аст. Ҳамзамон, муаллифи автореферати диссертатсияи мазкур таърихи ташаккул ва рушди асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байториро низ мавриди таҳлил қарор дода, қайд менамояд, ки бояд дар даврабандии асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ ба хусусиятҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои марбут ба хизматрасонии байторӣ диққат дода шавад. Вобаста ба ин асос таърихи ташаккули қонунгузории байториро дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ба се давра ҷудо намудааст, ки он барои дарки амиқ ва шинохти хубтари масъалаи баррасигардида мубрам мебошад. Муаллиф дар поёни зербоби мазкур бо мақсади дар соҳаи хизматрасонии байторӣ ворид намудани механизми муосири бозоргонӣ ва ташкили шароити мусоид барои дастрасии шаҳрвандон ба хизматрасонии байторӣ пешниҳод намудааст, ки дар Қонуни

ҶТ «Дар бораи байторӣ» аз 29 декабри соли 2010, №674 боби алоҳида бо номи «Фаъолияти хусусии байторӣ» илова карда шавад.

Боби дуюми диссертатсия – «**Шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ»,** аз се зербоб иборат аст. Зербоби 1-уми боби 2-юм – **«Мафҳум ва аломатҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ»** номгузорӣ шудааст, ки дар доираи он ба андешаи муаллиф танзими ҳуқуқӣ, мафҳум, табиати ҳуқуқӣ ва унсурҳои шартномаи мазкур таҳлил шудаанд. Масъалаҳое, ки дар зербоби мазкур баррасӣ гардидаанд, ниҳоят муҳим ва саривақтӣ мебошанд. Хусусан, пешниҳоди мафҳуми шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ, таҳлили табиати ҳуқуқии шартномаи мазкур, унсурҳои таркибии шартномаи мазкур аз ҷумла, тарафҳои шартнома, мавзуи шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ ва объекти хизматрасонии байторӣ, муҳлат ва нарх дар шартномаи мазкур инчунин дигар падидаҳои ба он алоқаманд мувофиқати мазмуни зербоби мазкур ба номи он шаҳодат медиҳанд.

Зербоби дуюми боби дуюм – **«Мазмуни шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ»** ном гирифта, дар он мазмуни ин шартнома муайян ва таҳлил шудааст. Дар доираи зербоби мазкур мазмуни шартнома ҳамчун муносибати ҳуқуқӣ таҳлил шуда, муаллиф андешаи худро оид ба ҳуқуқ ва уҳдадории тарафҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ иброз менамояд.Ба назари муаллиф шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ дутарафа буда, ҳар ду тараф ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар доранд. Гузашта аз ин, шартномаи мазкур мутақобила буда, дорои ҳуқуқ будани як тараф ва доштани уҳдадории тарафи дигарро ифода менамояд. Дар доираи рисолаи мазкур танҳо он уҳдадориҳои тарафҳо таҳлил шудааст, ки дар як вақт ҳуқуқи тарафи дигарро ташкил медиҳанд. Зимни таҳлил зербоби мазкур муаллиф дар Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар ҶТ, аз 26 феврали соли 2015, №66, як зумра тағйиру иловаҳоро низ пешниҳод намудааст, ки онҳо боз ҳам ба мукаммал гардидани мазмуни шартномаи мазкур равона гардидаанд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм – **«Асосҳои бастан, тағйир додан ва бекор намудан шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ»** таҳлил шудааст, ки масъалаи баррасигардида паҳлуи муҳим ва асосии ҳар як шартнома мебошад. Аз ин рӯ, баррасии он дар таҳқиқоти мазкур ниҳоят муҳим ва ба манфиати кор аст. Муаллиф хулоса менамояд, ки бастан, тағйир додан ва бекор намудани шартнома, гарчанде аз татбиқи амалии озодии шартнома гувоҳӣ диҳад, вале чунин ҳолатҳо бояд асоснок ва қонунӣ бошанд.

Боби 3-юми диссертатсия – «**Ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ»** аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби 3-юм – **«Моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳои шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ»** таҳлил шудааст. Ба назари муаллиф, ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ чораи ҳуқуқие мебошад, ки ба зиммаи ҳуқуқвайронкунанда уҳдадории иловагии молумулкиро мегузорад. Дар рисола қайд мешавад, ки асоси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳои шартномаи болозикршуда ҳуқуқвайронкунӣ мебошад.

Ба андешаи муаллиф барои ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳои шартномаи мазкур принсипи умумии ҷавобгарӣ ҳангоми мавҷуд будани гуноҳ истисно мешавад. Инро бо он асоснок менамояд, ки дар шартномаи мазкур иҷрокунанда шахсе мебошад, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад. Ташкилотҳои тиҷоратӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки дар шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ ба сифати иҷрокунанда иштирок менамоянд, дар ҳолати мавҷуд набудани гуноҳ низ ҷавобгар мебошад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – **«Хусусиятҳои ҷуброни зиён, товони зарари маънавӣ ва ноустуворона дар шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ»** таҳлил шудааст. Муаллиф бар он ақида аст, ки ҷуброни зиён уҳдадории иловагии муҷозотӣ мебошад. Ҷуброни зиён дар ҳолати иҷро нашудани уҳдадории асосӣ ба манфиати кредитор ба вуҷуд омада, яке аз тарзҳои таъсиррасонӣ ба вазъи молумулкии қарздор буда, ӯро аз иҷрои уҳдадории асосӣ дар ҳолати иҷрои муҷозоти мазкур озод намекунад (Ролф Книпер).

Муаллиф дар доираи зербоби мазкур саравввал мафҳуми зиёнро дар заминаи моддаи 14 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сипас намудҳои зиён аз ҷумла, хисороти воқеӣ ва фоидаи аздастрафтаро дар мисоли шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ таҳлил ва баррасӣ намудааст, ки он аз маҳорати хуби таҳқиқотии довталаби дараҷаи илмӣ шаҳодат медиҳад. Инчунин муаллиф ҷавобгарии дигари ҳуқуқи маданӣ, товони зарари маънавӣ, ки дар шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ истифода мешавад, таҳлил намудааст. Ба андешаи довталаб товони зарари маънавӣ дар ин шартнома ҳангоме татбиқ карда мешавад, ки ба сифати фармоишгар шахси дорои мақоми ҳуқуқии истеъмолкунандадошта баромад намояд. Ҳамзамон, намуди дигари татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ ноустуворона низ, ки дар шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ истифода мешавад, таҳлил гардида, ҳамчун яке аз тарзҳои барқарор намудани ҳуқуқҳои маданӣ дар шартномаи мазкур метавонад таъсири судманд дошта бошад.

Дар ҷамъбасти автореферати диссертатсия бошад, довталаби дараҷаи илмӣ хулосаҳо ва пешниҳодҳои муҳимтарини илмӣ ва амалӣ баён намудааст, ки онҳо

мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳққоти мазкурро нишон медиҳанд. Дар таҳқиқот услуб ва истилоҳоти илмию касбӣ бо таври густурда истифода гардидааст ва асосҳои назариявию амалӣ ба назар гирифта шудаанд. Дар таҳқиқот гарчанде шакл ва мазмун бо ҳам мувофиқанд ва ба талаботҳои навиштани таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷавобгӯянд, аммо ҳанӯз ҳам баъзе ҳолатҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки нисбати онҳо изҳори назари муаллифи автореферати диссертатсия ба манфиати кор аст.

Дар зербоби якуми боби дуюми автореферати диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ қайд намудааст, ки хусусияти оммавӣ будани шартномаи мазкур танҳо дар ҳолате зоҳир мегардад, ки агар ба сифати фармоишгар истеъмолкунанда иштирок намояд. Пурсида мешавад, ки агар дар шартномаи мазкур ба сифати фармоишгар истеъмолкунанда баромад накунад, пас дар ин ҳолат ин шартнома чи гуна хусусият пайдо менамояд? Инчунин аз муаллиф пурсида мешавад, ки ташкилотҳои байторӣ ғайр аз дар шакли моликияти хусусӣ ташкил гардидан боз дар шакли моликияти давлатӣ низ ташкил гардидан мумкин аст ё на? Чунки дар таҳқиқот танҳо таъсиси ташкилотҳои хусусии байторӣ таъкид гардидааст, халос. Ин ҳолатҳои баҳсноки ишорашуда ба паст гардидани мазмун ва муҳтавони автореферати диссертатсия таъсири манфӣ надошта, танҳо назари шахсии муаллифро зимни ҳимояи асосии диссертатсия тақозо менамоянд, халос.

Таҳлили муқаррароти автореферати диссертатсияи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ҳамчун таҳқиқоти мустақили илмӣ-тахассусӣ ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021, 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод бошад, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Муқарриз: мудири кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Тел.: (+992) 93-767-82-92; (+992) 00-177-82-92; e-mail: abdurakhimov1987@bk.ru** **Абдураҳимов С. Қ.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
735140, ш.Бохтар, кучаи ба номи
Садриддин Айнӣ, 67.
Телефон. (83222) 2-54-81; (83222) 2-48-63
E- mail: bgu-1978@mail.ru

Имзои Абдураҳимов С. Қ. - ро тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дотсент Исозода Т.И.

26 августи соли 2024